آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

29 апрели соли 2023 Шанбе № 34 (14942)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

КОРҲОИ СОҲАИ ДИНИВУ МАЪРИФАТӢ БАРРАСӢ ШУДАНД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев раиси Идораи мусулмонони Ӯзбекистон, муфтӣ Нуриддин Холиқназаровро қабул кард.

Зимни суҳбат натиҷаи корҳое, ки дар соҳаҳои диниву маърифатӣ, инчунин омӯзиш ва расондани мероси илмии аҷдоди бузурги мо ба мардум амалӣ мешаванд, баррасӣ гардиданд.

Дар замони пуртаҳлукаи имрӯза ба аҳолӣ, хусусан ҷавонон дуруст тавзеҳ додани арзишҳои ислом ва мубориза бурдан бар зидди ҷаҳолат бо маърифат аз ҳарвақта муҳимтар аст. Аз ин рӯ, оид ба таъмини суботи муҳити иҷтимоию маънавӣ дар мамлакати мо, минбаъд баланд бардоштани сифати таълими динӣ, омӯхтани таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар ин самт ва ҷорӣ намудани он ба фаъолияти муассисаҳои динию маърифатӣ мунтазам корҳо анҷом дода мешаванд.

Моҳи шарифи Рамазон дар кишвари мо дар фазои меҳрубониву шафқат гузашт. Мувофиқи қарори Президент аз 21 март дар ин моҳ чорабиниҳои маънавию маърифатӣ, ки ҳамватанонро ба накӯиву саховатмандӣ, расидан ба қадри зиндагии осоиштаву ором даъват мекунанд, гузаронда шуданд.

Бо ташаббуси сарвари давлат бо иштироки тамоми имом-хатибон дар маҳаллаҳо барои беш аз 1 миллион нафар мардуми камбизоат ифторҳо ташкил карда шуданд. Тавассути фонди хайрияи «Вақф» ба шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба маблағи 2 миллиарду 446 миллион сӯм кумак расонда шуд.

Хабари дигари муҳими моҳи Рамазони имсола аз ҷониби давлат ба зиёрати умра фиристодани 1,4 ҳазор шаҳрванди камбизоат буд.

Президент доир ба таҳкими минбаъдаи таҳаммулпазирии динӣ, кафолати озодии виҷдони шаҳрвандон фикру ақидаи худро баён намуд.

ЎзА.

ОБАНБОРИ ДЕҲҚОНОБОД БОЗСОЗӢ ШУД

Обанбори ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё, ки бо таҳшинҳо пур шуда буд, бозсозӣ ва аз нав мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Азбаски обанбор солҳои зиёд истифода гашта, ягон маротиба аз таҳшинҳо тоза нашуда буд, ҳаҷми оби ҷамъшаванда низ 70 дарсад коҳиш ёфта, ниёзи рӯзафзуни аҳолӣ ва хоҷагии деҳқонии ноҳияро бароварда наметавонист. Ҳукумати ҷумҳурӣ вазъиятро омӯхта, барои бозсозии ин иншооти муҳими стратегӣ аз буҷаи худ 66 миллиарду 706 миллион сӯм маблағ ҷудо кард.

Бояд гуфт, ки обанбори мазкур 40 сол муқаддам сохта ба истифода дода шуда буд ва ҳаҷми оби ҷамъшаванда аз ҳисоби оби сели наҳру сойҳои атроф 15,4 миллион метри мукааброташкил медод. Аммо ба гуфтаи мутахассисони соҳа, солҳои охир обанбор аз таҳшинҳо пур шуда, дар он танҳо 3 миллион метри мукааб об ҷамъ меомад, ки барои шодоб кардани заминҳои як ноҳия хеле ночиз аст. Бинобар ин соҳаи кишоварзии ноҳияи Деҳқонобод ба об ниёзи бештаре ҳис мекард.

Ҳукумати ҷумҳурӣ бо баробари пиёда сохтани ислоҳоти саросарии иқтисодӣ дар ин авохир тасмим гирифт, ки обанборро аз нав тармим созад ва ҳаҷми оби ҷамъшавандаро боло бурда, ҳамзамон ба сифати нерӯмандии сарбанди он афзуда, чораҳои амниятии онро шадидтар созад.

Бозсозии обанбор соли 2017 оғоз гардид ва фармоишгари корҳои сохтмонӣ Муассисаи давлатии «Қашқадарёсувқурилишинвест» буд. Корҳои сохтмонии обанбор аз ҷониби Ширкати муҳандисии «Яккабоғ кўрғони» иҷро карда шуд. Бояд тазаккур дод, ки зимни сафарҳои Президент ба вилояти Қашқадарё дар солҳои 2020—2022 масъалаи зудтар сохта ва мавриди баҳрабардорӣ қарор додани обанбор махсус таҳрик дода шуда ва нақши калидии он барои ривоҷи соҳаи кишоварзӣ дар ноҳия таъкид гардида буд.

Навсозӣ шудани обанбор ҳаҷми оби ҷамъшавандаро дар он аз 15,4 мукаабметри пешин ба 20 миллион метри мукааб боло бурд ва акнун имкон фароҳам омадааст, ки 29 ҳазор гектар заминҳои наздиҳавлигии аҳолӣ ва 1,6 ҳазор майдони кишти хоҷагиҳои фермерӣ шодоб гардад.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГӢ БОБАТИ КУМАК ОИДИ БОШУҒЛФАРОГИРӢ ВА БО КОРИ ДОИМӢ ТАЪМИН НАМУДАНИ ҶАВОНОН

Ба мақсади мунтазам идома додани ислоҳоте, ки бинобар вусъат додани шароит барои ворид шудан ба ҳаёти мустақилона, пурра истифода бурдани иқтидор ва имконияти ҷавонон, кумак расонӣ барои бо шуғл фарогирӣ, бо кори доимӣ ва даромади сазовор таъмин кардани онҳо татбиқ мешаванд:

1. Муқаррар карда шавад, ки дар давраи аз **1 майи соли 2023** то **1 январи соли 2025** ба коргузорон (ғайр аз ташкилоти буҷавӣ, корхонаҳои давлатӣ, ашхоси ҳуқуқие, ки дар бунёд (сармоя)-и оинномавии онҳо саҳми давлат 50 фоиз ва беш аз онро ташкил медиҳад, ҳамчунин пардозгарони андози иҷтимоӣ бинобар миқдори 1 фоиз) миқдори андози иҷтимоӣ, ки онҳо барои кормандони то 25 сола мепардозанд, **пурра аз Буҷаи давлатӣ сарпур карда мешавад**.

Дар ин маврид миқдори андози иҷтимоӣ бо шарти таъмин шудани кормандони ҷавон бо фаъолияти муттасили меҳнатӣ дар тӯли шаш моҳ ибтидо аз моҳи ҳафтум сарпур карда хоҳад шуд.

2. Муайян карда шавад, ки сарпур кардани миқдори андози иҷтимоӣ аз ҳисоби трансфертҳое, ки ба Бунёди ғайрибуҷавии нафақаи назди Вазорати иқтисодиёт ва молия аз буҷаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои соли 2023-юм ҷудо карда шудаанд, сарпур карда мешавад.

3. Ба Вазорати иқтисодиёт ва молия супурда шавад, ки бо назардошти он ки ҳисобот бинобар андози иҷтимоӣ ҳар моҳ на дертар аз санаи 15-уми моҳ, ки баъди давраи ҳисоботӣ пешниҳод мегардад, бо ҷамъбасти рӯзафзун, ҳангоми ташаккул додани Буҷаи давлатӣ барои солҳои 2024 ва 2025 ҳарҷҳои пешбинишуда, барои сарпур сохтани миқдори андози иҷтимоии коргузорон дар семоҳаи якуми солҳои 2024 ва 2025 махсус пешбинӣ кунад.

4. Ба Вазорати сиёсати ҷавонон ва варзиш супурда шавад, ки якҷо бо Вазорати иқтисодиёт ва молия, Оҷонсии миллии иттилоотии Ӯзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Оҷонсии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ корро бобати васеъ равшан кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои Фармони мазкур дар расонаҳои ахбори оммавӣ ва шабакаҳои Интернет ба роҳ монад.

5. Ба қарори Девони Вазирон аз 24 июли соли 2021 №460 «Дар бораи тасдиқ кардани Қоидаи муваққатӣ бобати тартиби пурра сарпур кардани миқдори андози иҷтимоӣ ба коргузорон аз Буҷаи давлатӣ, ки онҳо ба кормандони то 25 сола мепардозанд» мувофиқи замима тағйирот ва иловаҳо дохил карда шаванд.

6. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов гузошта шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон
Ш. МИРЗИЁЕВ

шаҳри ТОШКАНД,
26 апрели соли 2023.

ЎЗБЕКИСТОН БА КИШВАРИ БАРОИ САРМОЯГУЗОРӢ МУСОИД ТАБДИЛ МЕЁБАД

Коршиносони хориҷӣ ва иштирокдорон дар бораи Форуми дуюми байналмилалии сармоягузории Тошканд

27 апрел дар пойтахти Ӯзбекистон Форуми дуюми байналмилалии сармоягузории Тошканд ба кори худ оғоз намуд, ки дар он беш аз 2,5 ҳазор намояндагони доираҳои корчаллонӣ ва сиёсӣ, аз чунин мамлакатҳо ба мисли ИМА, ИА, Британиёи Кабир, ИДМ, Туркия, Чин, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Ҳиндустон, Миср, кишварҳои Шарқи Наздик иштирок карданд.

Дар ҳошияи форум тамоюлҳои ҷаҳони сармоягузорӣ, дурнамои рушди энергетикаи «сабз», тиҷорати электронӣ ва бисёр дигар масъалаҳои мубрами таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ дар сатҳи байналмилалӣ баррасӣ шуданд.

Иштирокдорони форумро Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳайрамақдам гуфт. Дар суханронии худ дар бораи ислоҳот ва дигаргуниҳое, ки тайи чанд соли охир дар кишвар анҷом дода шудаанд, ҳарф зада, самтҳои рушди минбадаи онро муайян намуд.

Натиҷаҳои рӯзи аввал нишон дод, ки чорабиниҳо бешубҳа ба мустаҳкам кардани муносибатҳои байналмилалии кишвари мо ва инкишофи ҳамкории иқтисодӣ бо дигар давлатҳо мусоидат мекунад.

Сиёсатмадори Қирғизистон Денис Бердаков:

– Баргузории Форуми дуюми байналмилалии сармоягузории Тошканд ин қадами навбатӣ барои иқтисодиёти Ӯзбекистон мебошад, ки сол аз сол инноватсионӣ шуда, беҳтарин кадрҳоро, аз ҷумла дар соҳаи технологияҳои IT хеле фаъолона ҷалб мекунад.

Ӯзбекистон омода аст сармояро аз тамоми кишварҳои ҷаҳон ҷалб кунад ва сармояҳо аксар вақт якҷоя бо технологияҳо ворид мешаванд. Сиёсате, ки ҳоло Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев пеш мебарад, хеле дақиқ ва дуруст буда, аз бисёр ҷиҳат он роҳеро ба хотир меорад, ки ба истилоҳ «Бабрҳои осиёӣ» 50-70 сол пеш тай кардаанд. Албатта, барои Ӯзбекистон дар соҳаи логистика мушкилоти калон ба миён меояд, зеро ҷумҳурӣ ба баҳр роҳи мустақим надорад. Ба ин муносибат Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд барои баррасии рушди роҳҳои нақлиётиву логистикӣ на танҳо дар Ӯзбекистон, балки дар тамоми Осиёи Марказӣ майдончаи хуб ба ҳисоб меравад.

Президент Шавкат Мирзиёев дар форум нутқ эрод намуда, ба комёбиҳои Ӯзбекистон дар соҳаи рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории кишвар дахл намуд. Аз ҷумла, дар солҳои охир беш аз 40 ҳазор корхонаи нави саноатӣ бунёд гардида, ҳаҷми ҷалби сармояи хориҷӣ ба 10 миллиард доллар расида, қариб 1 миллион нафар аз камбизоатӣ раҳо карда, сатҳи камбизоатӣ дар байни аҳолӣ аз 17 то 14 фоиз коҳиш ёфт.

Ин рақамҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бо вуҷуди бесуботии сиёсӣ ва иқтисодии шариконӣ асосии тиҷоратӣ, Ӯзбекистон кӯшиш мекунад, ки сиёсати худро босаводона роҳандозӣ кунад ва бозиҳои геосиёсиро нодида гирад. Бо итминон метавон гуфт, ки дар солҳои охир Ӯзбекистон ба яке аз кишварҳои барои сармоягузорӣ ва сайёҳӣ ҷолибтарин табдил ёфтааст.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

Дар гармхонаи ҳафтгектараи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Zamin Green World», ки дар деҳаи Ғурумсаройи ноҳияи Попи вилояти Наманган барпо гардидааст, бо усули гидропоникӣ помидор парвариш карда мешавад. Гармхонаи замонавӣ соли 2022 ба миқдори 7 миллион доллари ИМА ташкил карда шудааст. Дар гармхона ҳарорат, таъмини ҳар як ниҳол бо об ва нуриҳои минералӣ аз масофа идора карда мешавад. Сад нафар бо кори доимӣ банд мебошанд. Сафи коргарони мавсимӣ аз 300 нафар зиёд аст. Дар ибтидо 300 тонна ҳосил ба бозори дохилӣ, 700 тонна ба бозори берунӣ содир шуд. Имрӯз аз ҷониби ҷамъият гармхонаи нави шашгектара барпо мегардад.

Аксбардор: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).

Дар ноҳияи Косони вилояти Қашқадарё як нафар соҳибкори маҳаллӣ 14 манзили зист сохта, онҳоро ба оилаҳои эҳтиёҷманди маҳалла ройгон додааст.

ТУ НЕКӢ КУНУ БА ДАҶЛА АНДОЗ...

Аҷиб он аст, ки ин тадбиркор намехоҳад номаш дар матбуот ва расонаҳои хабарӣ зикр шавад. Вай таъкид кардааст, ин амали нек ба роҳи Ҳақ ва барои ризоияти Худованд аст ва ӯ ба ҳеч ваҷҳ намехоҳад, ки аз ин савоб маҳрум бимонад.

Бино ба маълумот, ин соҳибкори саховатманд ҳар кадоми ин манзилҳоро бар ивази маблағи зиёд бунёд карда, дар онҳо тамоми шароити зистро муҳайё сохтааст. Ҳамаи 14 манзили истиқоматӣ муҷаҳҳаз ва барои зиндагии шоиста тайёранд. Хонаҳо ба онҳое ройгон дода шудаанд, ки хеле камбизоат ҳастанд ва ё дар рӯйхати «Дафтари оҳанин»-и маҳаллаҳо қарор доранд. Манзилҳои зист, аллакай соҳибони худро ёфтаанд. Соҳибкор аз ҳисоби худ, ҳатто маводи ғизоии оилаҳо, аз ҷумла орду равғану шакар ва ғайраро низ муҳайё кардааст, ки боиси хурсандиву шигифтии соҳибони онҳо шудааст.

Раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Юқори ободон»-и ноҳияи Косон Худойбердӣ Яхшимуродов гуфт, вай хабар дошт, ки дар ҳудуди маҳалла хонаҳо сохта мешаванд, аммо намедонист, ки ин манзилҳои зист ба мардуми муҳтоҷ ва бесаробон ройгон тақдим мегарданд. Вақте соҳибкор аз нияти худ хабар дод, ҳама дар ҳайрат монданд. Ҳар як манзили зист панҷ ҳуҷра ва чор хол замини наздиҳавлигӣ дорад.

Бешубҳа, ин амали ҷавонмардона барои тамоми соҳибкорони тавонову ӯҳдабаро ва доро шоистаи ибрат ва пайравист.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

БАРОИ ИМОРАТЕ, КИ ВАЙРОН КАРДА МЕШАВАД, МУВОФИҚИ АРЗИШАШ ҶУБРОНПУЛӢ ПАРДОХТА ХОҲАД ШУД

Имрӯз ба мақсади дахлнопазирии ҳуқуқи молу мулкро ба тарзи эътимодбахш ҳимоя кардан, ҳамчунин пешгирӣ намудани дахолати ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ба муносибатҳои молу мулк ва пурзӯр кардани кафолати ҳифзи он, бечуну чаро таъмин намудани ҳуқуқи молу мулк, аз ҷумла ҳуқуқ барои қитъаи замин устувории амволи хусусӣ ба сифати тамоюли асосӣ муайян карда шуд. Низоми ҳифзи ҳуқуқи шахсе, ки бо эътимод ба маълумоти расмии идораҳои давлатӣ молу мулк харид кардааст, ҷорӣ гардид.

Вале бо вуҷуди ислоҳоти соҳаи ҳифзи мулки хусусӣ ва чораҳое, ки андешида мешаванд, ҳолатҳое мушоҳида мегарданд, ки бинобар беадолатӣ ва баҳонаҳои беасоси баъзе мансабдорон ҳуқуқи соҳибони мулки хусусӣ поймол мегардад, вазъиятҳои вайрон кардани асосҳои молу мулк ба назар мерасанд.

Аз ҳама бадаш он мебошад, ки аз вайронкуниҳои ғайриқонунӣ ё ҳуд ғайримақбул, пеш аз ҳама мардуми одӣ ҷабр мекашанд. Вобаста ба ин дар ҷомеа фикру андеша ва ҳароси «молу молки ман ба рӯйхати вайронкунӣ (снос) намеафтода бошад» ба миён омаданд. Онҳое, ки мехоҳанд хонаҳавлӣ харид кунанд, саравваллабарои ба рӯйхати вайронкунӣ наафтодани он кафолат мепурсидагӣ шуданд.

Мушкилоти вайронкунӣ, ки ба яке аз се муаммои рӯзмарра табдил ёфтааст, солҳои тӯлонист, ки аз ҷумлаи мушкилоти гарони ҷамъияти мост, барои ҳамин ҳам солҳои охир баҳри ҳаллу фасли он як қатор чораҳои амалӣ андешида мешаванд. Аз ҷумла арзиши молу мулке, ки ба ин рӯйхат дохил шудааст, пешакӣ пардохта мешавад, дар ин бобат хазинаҳои махсус кушода ва назорати ҷамъиятӣ пурзӯр карда шуд.

Вале бо вуҷуди андешидани чораву тадбирҳои зарурӣ то ҳол муаммои зикршуда ҳаллу фасли пурраи худро пайдо накардааст. Ин аст, ки талошҳои вобаста ба он гоҳ-гоҳ мушоҳида мешаванд.

Дар моддаи 47-уми Сарқонуни нав меъёри «Ҳеч кас бидуни қарори суд ва бар муқобили қонун аз хонаву манзили худ маҳрум карда намешавад. Мулкдоре, ки аз хонаву манзилаш маҳрум шудааст, арзиши ин мулк, ҳамчунин қимати зарари ба ӯ расидаро мувофиқи қонун ба даст меорад», сабт гардидааст, яъне дахлнопазирии амволи хусусӣ дар сатҳи Қонуни Асосӣ мустаҳкам карда мешавад.

Ворид шудани меъёри мазкур ба Сарқонуни мо дар оянда барои беҳтар кардани фаровонҳолии ҳаёти аҳолӣ, беш аз пеш дастгирӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ кафолатнок сохтани муносибатҳои мулкдорӣ ва мустаҳкам кардани дахлнопазирии мулки хусусӣ такони бузург хоҳад шуд. Аз ҳама муҳимаш мушкилоти вайронкунӣ, ки чандин сол боз дар ҷамъияти мо аз ҷумлаи муаммоҳои шадид буд, ҳаллу фасли одилона пайдо кард.

Бо моддаи мазкур нисбати мулкдорони хонаву манзил 2 навъ кафолати муҳими конститутсионӣ муайян карда шуданд: кафолати суд ва кафолати ҷубронпулӣ ҳангоми маҳрумшавӣ аз хонаву манзил. Кафолати суд маънои бидуни қарори суд аз ҳуқуқи молу мулк маҳрум накарданро дар назар дорад. Дар ин мавриди ҳолатҳое, ки ба бекор карда шудани ҳуқуқи мулк сабаб мешаванд, аз ҷониби суд дар асоси ҳуҷҷатҳои қонуни дар амал ба тарзи воқеъбинона баррасӣ карда мешаванд. Бешубҳа, тартиби мазкур дар ҳама гуна ҳолат кафолати пешгирӣ намудани маҳрумшавии мулкдор аз ҳуқуқи мулк мебошад.

Кафолати дуюм бинобар он ки ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии мулкдор нигаронда шудааст, боиси эътибор мебошад. Ин меъёр дар вазъ ва тартибе, ки қонун муайян кардааст, ба пардохти арзиши баробари хонаву манзил ва зиёна расида кафолат медиҳад.

Хулоса, дар Сарқонун бо таҳрири нав вобаста ба дахлнопазирии мулки хусусӣ кафолатҳои нав ворид карда шудаанд, ки ба ҳаллу фасли мушкилоти зиёд, ки боиси нигаронии одамони одӣ буданд, мусоидат мекунад ва барои аз байн бардоштани онҳо ҳамчун асоси ҳуқуқӣ хидмат менамояд.

Фарҳод ЗАЙНИЕВ,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

ЎЗБЕКИСТОН БА КИШВАРИ БАРОИ САРМОЯГУЗОРӢ МУСОИД ТАБДИЛ МЕЁБАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ин рақамҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бо вуҷуди бесуботии сиёсӣ ва иқтисодии шарикони асосии тиҷоратӣ, Ўзбекистон кўшиш мекунад, ки сиёсати худро босаводона роҳандозӣ кунад ва бозиҳои геосиёсиро нодида гирад. Бо итминон метавон гуфт, ки дар солҳои охир Ўзбекистон ба яке аз кишварҳои барои сармоягузорӣ ва сайёҳӣ ҷолибтарин табдил ёфтааст.

Директори генералии Алянси тиҷоратии Авруосиёи «ACIR SouthernEurope» Эдуард Гулян (Испания):

– Ҳамаи масъалаҳое, ки дар суханронии Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар маросими ифтитоҳи Форуми дуюми байналмилалии сармоягузории Тошканд ба миён гузошта шуданд ва дастовардҳои кишвари шумо моро водор намуд, дарк созем, ки Ўзбекистон ба кишвари барои сармоягузорӣ мусоидтар табдил меёбад.

Ман дар соли 2022 ба аввалин Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд ташриф оварда, аз сатҳи баланди он хеле мутаассир шуда будам. Дар доираи конфронс мо муваффақ шудем оид ба як қатор самтҳо бо шарикони ўзбекистонӣ бо ҷалби ширкатҳои бонуфузи испанӣ лоиҳаҳои муштарак таҳия созем ва ҳоло аз рўйи онҳо корҳои амалӣ пеш мебарем.

Намояндагони ширкати мо дар конфронси имсола ба сифати маърўзачиён дар суҳбатҳои «мизи мудаввар» фаъолона иштирок мекунанд.

Президенти Ўзбекистон дар суханронии худ таъкид кард, ки ислоҳоти пайваста, ки ба озодгардонии минбаъдаи иқтисодиёти кишвар, боз намудани роҳҳои васеъ барои тиҷорат, мустаҳкам намудани қонуният ва кафолатҳои ҳуқуқӣ нигаронда шудааст, босуръат идома дорад.

Дар баробари ин барои ман аз ҳама муҳим он буд, ки Президент Шавкат Мирзиёев борҳо таъкид кард, ки ў шахсан ба ширкатҳои хориҷӣ дар Ўзбекистон тамоми ташаббусҳои сармоягузорӣ ва пеш бурдани тиҷорат бо шариконро кафолат медиҳад. Агар гўям, ки пас аз чунин суханони сарвари кишвар майли ман ба тиҷорат дар Ўзбекистон боз ҳам бештар шуд, муболиға намешавад.

Ба фикрам, ин гуна ислоҳот дар ояндаи наздик Ўзбекистонро барои ҷалби сармоя на танҳо дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ, балки ҷаҳон кишвари мусоид ва ҷолибтарин хоҳад кард.

Директори иҷроияи Маркази тадқиқоти сиёсӣ ва иқтисодии Малайзия Зохри Идрис:

– Иштироки намояндагони ширкатҳои бузург, доираҳои тиҷоратӣ ва созмонҳои молиявии байналхалқӣ дар кори ФБСТ-2023 аз эътибори баланди ин чорабинӣ гувоҳӣ медиҳад.

Тавре ки Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар суханронии худ дар маросими ифтитоҳи анҷуман қайд кард, имрўз иқтисоди ҷаҳон дар робита ба равандҳои мураккабу хатарнок ва дигаргуниҳо дар арсаи байналмилалӣ аз имтиҳони ҷиддӣ мегузарад.

Аз ин рў, форум ба таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи байни кишварҳо ва боз кардани имкониятҳои нави тиҷорат мусоидат мекунад.

ФБСТ ҳамчун як платформаи муҳим барои ошно кардани иштирокчиёни форум ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бо ислоҳоти густурдаи иқтисодӣ ва ичтимоӣ, ки ҳукумати Ўзбекистон дар солҳои охир татбиқ менамояд, озодгардонии иқтисодиёти миллӣ, сиёсати пулию қарзӣ ва чорабиниҳое, ки кишвар барои ворид шудан ба Созмони ҷаҳонии савдо меандешад, хидмат хоҳад кард.

Чӣ хеле, ки Президенти Ўзбекистон таъкид кард, саъю кўшиши кишвар бобати ворид шудан ба СҶС ва дар таърихи кишвар бори аввал таъсис додани Суди байналмилалии тиҷоратӣ барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ на танҳо ба иқтисодиёти кишвар, балки барои иқтисодиёти давлатҳои минтақа рағбати мусбат хоҳад гардид.

Хеле муҳим ва шоёни таҳсин аст, ки Президент Шавкат Мирзиёев шахсан ба сармоягузорони хориҷӣ фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузориро дар Ўзбекистон кафолат медиҳад.

Боварӣ дорам, ки анҷумани имрўза барои иштирокдорон ва шарикони хориҷӣ имкониятҳои беҳамтоеро барои пешбурди тиҷорат дар Ўзбекистони Нав мекушояд.

Муовини якуми раиси Палатаи савдою саноати Тоҷористон Артур Николаев:

– Ин сафари аввалини ман ба Ўзбекистон намебошад. Қайд кардан мехоҳам, ки Ўзбекистон сол то сол ба таври назаррас тағйир меёбад, дигаргуниҳои рўзафзуни мусбат ба назар мерасанд. Ба қарибӣ Намоишгоҳи байналмилалии саноати «Иннопром: Осиёи Марказӣ – 2023» дар ин ҷо бомуваффақият баргузор гардид. Дар ин чорабинии бошукўҳ ҳайати пурқуввати Русия, ки намояндагони бисёре аз минтақаҳои Русияро дарбар мегирифтанд, низ ширкат карданд. Аз минтақаи мо намояндагони доираҳои корчаллони беш аз 50 ширкат иштирок намуданд.

Боиси хушнудист, ки яке аз нуқтаҳои асосие, ки Президент Шавкат Мирзиёев зимни суханронии худ дар ин намоиш ба он таваҷҷуҳ зоҳир намуд, рушди ҳамкориҳои кишварҳо, ба хусус кишварҳои наздик ва ҳамсоя мебошанд. Бешубҳа, рушди коммуникатсияҳои роҳи оҳан ва долонҳои логистикӣ дар густариши ҳамкориҳои байни кишварҳо бартариҳои ҷиддӣ медиҳанд. Омилҳои асосие, ки корхонаҳо имрўз ба онҳо рў ба рў мегарданд, логистика, молия ва захираҳои инсонӣ мебошанд.

Дар ҳамоиш ҳамчунин ба масъалаҳои экология, иқтисодиёти «сабз», энергетикаи муқобил, сатҳи нави инноватсия таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шуд.

Шарики идоракунандаи ширкати консалтингии молиявии «SevenCapitalPartners» Питер Маргетс (Британиёи Кабир):

– Бешубҳа, дар давоми солҳои охир дар иқтисодиёти Ўзбекистон дигаргуниҳои таъсирбахш ба амал омаданд. Тавре саровари давлат дар суханронии худ дар ифтитоҳи форуми сармоягузорӣ қайд намуд, низоми мусоиди фиксалӣ ба вуҷуд омада, савдои хориҷӣ низ озод карда, низоми ҳокимияти иҷроия ислоҳ гардида, бюрократизм коҳиш ёфта, низоми ягонаи кор бо сармоягузорон ва ғайра ҷорӣ карда шудааст.

Ўзбекистон имрўз сиёсати кушоди иқтисодӣ пеш мебарад, оид ба рушд ва амиқсозии муносибатҳои мутақобилан судманд бо ҷомеаи байналмилалӣ фаъолона корҳо амалӣ менамояд. Боварӣ дорам, ки дар шароити муосир, ки тамоми кишварҳо ба ноустувории бозорҳои ҷаҳонӣ ва бахсҳои печидаи сиёсӣ рў ба рў ҳастанд, барои зудтар барқарор кардани иқтисод бо таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии онҳо роҳҳои ҳаллӣ муассири амалӣ зарур аст.

Дар ин замина, ташаббусҳои Президент Шавкат Мирзиёев, ки дар чорабинии имрўза садо доданд, ба андешаи ман саривақтӣ буда, аҳамияти тамоми рўзномаи иқтисодии ҷаҳонро инъикос мекунанд.

АИ «Дунё».

ТОШКАНД БОРИ ДИГАР БА МАЙДОНИ НАМОИШГОҲИ БУЗУРГ ТАБДИЛ ЁФТ

Намоишгоҳи «ИННОПРОМ. Осиёи Марказӣ» яке аз калонтарин намоишгоҳҳо ба шумор меравад, ки дар шаҳри Тошканд се рӯз давом кард. Он баъди ифтитоҳ дар иҷлосияҳои алоҳида низ кори худро давом дод ва барои соҳибкорону тамошобинони зиёд маводу маҳсулоти худро ба маърази тамошо гузошт. Ин намоишгоҳ аз намоишгоҳи давраи гузаштаи худ бо он фарқ намуд, ки дар он ширкатҳои хеле бонуфузи мамолики гуногун ширкат намуданд. Бештари ашёи намоишгоҳ аз технологияҳои замонавӣ ва маводи саноатӣ иборат буд.

Дар ҷараёни иҷлосияҳо дар меҳвари гуфтугӯҳо маҳз пешрафту тараққии замон, зарурати кашфу истеҳсоли технологияҳои нави ба тамоми талаботи ҷаҳони ҳозира ҷавобгӯ, истифода аз беҳтарин ғояҳо дар миён гузошта шуданд.

Боиси ёдоварист, ки масоҳати умумии ашёи намоишии намоишгоҳ беш аз 14 ҳазору 500 метри мураббаъро ташкил дод. Ҳатто ин масоҳат назар ба соли гузашта 25 фоиз афзудааст, ки аз болоравии нуфузи он шаҳодат медиҳад. Дар давоми се рӯзи намоишгоҳ зиёда аз 10 ҳазор меҳмонон маҳсулоти тақдимнамудаи ИННОПРОМро диданд, ки дар он 457 ширкат аз бахшҳои саноатӣ, аз қабили мошинсозӣ, металлургия, технологияҳои иттилоотӣ, ҳалли энергетикӣ ва ғайра ширкат варзида буданд. Дар намоишгоҳ аз минтақаҳои гуногуни Русия 281 ширкат иштирок карданд.

Дар ҳошияи ин намоишгоҳи байналмилалӣ миёни ширкатҳои Ўзбекистону Русия дастикам 51 санад ба имзо расид ва он бевосита рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва саноатӣ, инчунин қарордодҳо оид ба таҳвили таҷҳизоти гуногун байни ширкатҳоро таъмин хоҳад кард.

Дар яке аз иҷлосияҳои пленарии «ИННОПРОМ. Осиёи Марказӣ» номаҳои табрикотии президентҳои Русия ва Ўзбекистон Владимир Путин ва Шавкат Мирзиёев ироа гардид. Дар чорабинӣ ҳамчунин Вазири саноат ва рушди инфрасохтори Ҷумҳурии Қазоқистон Марат Қарабоев, муовини аввали вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Исоҷон Қурбонзода, инчунин роҳбарони ниҳодҳои рушд, иттиҳодия ва ширкатҳои бузург иштирок дошта нд.

– Ҳамкории мо бояд намунавӣ бошад. Охир, имкониятҳоямон дар соҳаи кооператсияи саноатӣ хеле калонанд. Масалан, мо дар саноати хўрокворӣ, агросаноатӣ, бофандагӣ, химиё, дар истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ соҳиби дурнамоҳои калон мебошем. Зарур аст, ки саъю кўшиши худро ҷиҳати таъсиси корхонаҳои муштараки технологӣ, густариши кооператсия барои истеҳсоли маҳсулоти мавриди ниёз ва азхудкунии бозорҳои нав беш аз пеш густариш бахшем, – гуфт муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон Ҷамшед Хоҷаев.

Ба гуфтаи муовини Сарвазир – вазири саноат ва савдои Федератсияи Русия Денис Мантуров ИННОПРОМ масъалаҳои рушди саноати Осиёи Марказиро фаро мегирад. Бо тамоми давлатҳои минтақа мутаносиб вусъат додани ҳамкорӣ барои соҳибкорони Русия вазифаи хеле муҳим аст.

Антон Атрашкин, мудири барномаи ИННОПРОМ, таъкид кард, ки ширкат дар ин намоишгоҳ ба корхонаҳо натиҷаи воқеӣ ба бор меорад ва дар ин маврид шубҳае нест. Аз ин рў, ширкатҳо ба фармоиш додани ҷой барои маҳсулоти худ талош варзиданд ва хостори ширкати худро дар чорабиниҳои навбатӣ тасдиқ намуданд.

Ногуфта намонад, ки дар доираи Намоишгоҳи байналмилалии саноатии «Иннопром. Осиёи Марказӣ» барои донишҷўёни донишгоҳҳои техникӣ ва мутахассисони ҷавони Ўзбекистон аз тарафи роҳбарияти донишгоҳҳо ва ширкатҳои саноатии Русия маърўза ва семинарҳо роҳандозӣ шуданд.

Яке аз ҳамин гуна мулоқоту суҳбатҳо дар «Ўзэкспомарказ» баргузор шуд. Дар ин ҷода Жанна Халиуллина, муовини директори генералии КАМАЗ, Елена Романова директори генералии идеяҳои интеллектуалӣ, Фабио Массимо Каксиаторӣ директори рушди стратегии ILLOGIC Италия ва Артем Белокон роҳбари рушди байналмилалии Мактаби робототехникаи Санкт-Петербург баромад карданд ва барои ҷавонон дарси маҳорату малака гузаштанд.

Маълум шуд, ки КАМАЗ бузургтарин истеҳсолкунандаи мошинҳои вазнин дар Русия буда, 47 дарсади бозори мошинҳои вазнини Русияро дар ихтиёр дорад. Он на танҳо истеҳсолотро ба ўҳда гирифтааст, балки экосистемаи таълимӣ низ эҷод кардааст, ки барои рушди насли ҷавон дар соҳаи техникӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Дар ин намоишгоҳ ширкату корхонаҳои зиёди кишварамон низ маҳсулоти худро ба намоиш гузоштанд ва ҳамкорони худро пайдо карданд, ки дар оянда барои таъсиси намоишгоҳҳои навбатии ИННОПРОМ дар Тошканд боз бештар ба майдони ҳақиқии намоиш додани маҳсулоте мубаддал мегардад, ки дар солҳои охир истеҳсол шудаанд.

Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири «Овози тоҷик».

«САЙРИ ҶАВОНОН» ДАР КИТОБ

Дар ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё чорабинии фарҳангӣ таҳти унвони «Сайри ҷавонон» баргузор гардид, ки ҳазорҳо нафар пиру барноро аз тамоми гӯшаву канори вилоят гирдиҳам оварда.

Ин чорабинии фарҳангиву таблиғотӣ дар маҳаллаи Қайнари ноҳияи Китоб, болои гилеми сабзи табиат, дар доманакӯҳи хушбоду ҳавое доир гардид. Мардуми қаламравро ба ин маскан шиори « Қомусе, ки қадри инсонро баланд кард!» фаро хонд ва аз фараҳмандии онҳо ҳувайдо буд, ки ба маъракаи раъйдиҳии умумии тағйиру иловаҳо ба Саркунуни ҷумҳурӣ бетафовут нестанд. Дар дили дашти васеъ ва саросар сабзпўш саҳнаи азиме сохта буданд ва ҷо-ҷо намунаҳои ҳунари косибони маҳаллӣ ҳам дар маърази тамошо қарор гирифта, фурўши маҳсулоти кишоварзиву саноатӣ низ роҳандозӣ шуда буд. Намояндагони ҳар як ноҳияи вилояти Қашқадарё гўшаеро обод карда, ба шукўҳи ин чорабинӣ меафзуданд. Аз ҷумла, деҳқononи ноҳияи Кўкдала нахустсамари меҳнати худ – тарбузҳои кунун пухтаро низ ин ҷо оварда буданд, ки ҳозирон бо камоли майл аз он даҳон ширин намуданд.

Атрофи саҳнаи васеи музайян пур аз ҷавон буд ва дар баландиҳои ду ҷониби саҳна марду занҳои хушҳол, кўдакону наврасон ва пирони рўзгордида рўи сабза нишаста, суханронии мубаллиғон ва баромади консертии ҳофизони номдори ҷумҳуриро, бо камоли шавқ мешунидand ва тамошо мекарданд. Чунин ба назар мерасид, ки дар домани ин дашти саросар сабзпўш хурсандиҳо дар ҷўш буд ва ҳар кӣ он ҷо ҳузур дошт, замоне аз ташвишҳои ҳаёти мураккаб канор омада, занги дил бадар меорад ва барои фардои зиндагӣ неруи сабзе захира мекунад. Гизои маънавие, ки мардум соҳиб гардиданд, ҳисоб надошт. Агар як сӯ баромади хубу хотирмони ҳофизон ба дилҳо сурур ангезад, дар ҷониби дигар паҳлавонони номдори қаламрав майдон гирифтаву вориди сабқат мешуданд ва ҳунари гўштингирии худро намоиш медоданд. Дар тарафи дигари доманакӯҳи деҳаи Қайнар маросими бузкашӣ доир мешуд, ки даҳҳо нафар човандозони моҳир ҷамъ омадаву ба як мусобиқаи пуршиддате оғоз бахшида буданд.

Шариф ХАЛИЛ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Vulqon elektron sanoat qurilish», ки дар маҳаллаи Хонтеппаи ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё фаъолият дорад, ба истеҳсоли маҳсулоти пластикӣ ихтисосонида шудааст.

Корхона дар ибтидо барои ҳисобкунакҳои обӣ қуттиҳои пластикии махсус истеҳсол мекард. Соли равон лоиҳаи коркарди лўлаҳои пластикиро ба амал татбиқ намуд.

Дар акс: *дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди мазкур.*

Аксбардор: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).

ҲАМКОРӢ

Тўли панҷ соли охир баробари рушду инкишоф ёфтани иқтисодиёти кишвар дар қаламрави вилояти Ҷиззах ҳам навъҳои гуногуни саноат босуръат пеш мераванд. Ин пешрафт ва рушду инкишоф алалхусус, дар соҳаи мошинсозӣ, чарму пойафзор, ҳўрокворӣ, технологияҳои ахбору коммуникатсионӣ, сайёҳӣ бештар ба мушоҳида мерасад.

КОРХОНАИ НАВИ МУШТАРАК ИФТИТОҲ ЁФТ

Ҳамкорӣ бо як қатор кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла, Русия хуб ба роҳ монда шудааст. Мубодилаи моли вилоят бо ин давлат ба 200 миллион доллари Амрико расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипаришуда ба 55 миллион доллар афзоиш ёфтааст. Ҳоло дар ҳудуди Минтақаи озоди иқтисодии «Ҷиззах» даҳҳо корхонаҳо бо иштироки сармоягузорони русиягӣ фаъолият доранд.

Ба наздикӣ бо ҳамкории сармоягузорону соҳибкорони русиягиву маҳаллӣ дар ин минтақа боз як корхонаи муштарак созмон ёфт. Роҳбарони Ҷамъияти саҳҳомии «Химград»-и Тоҷористони Русия ба Маркази технополиси «Ҷиззах» асос гузоштанд. Дар маросими кушодашавии корхона роҳбари Тоҷористон Рустам Миннихонов низ ширкат варзид. Ба истиқболу дурнамои ҳамкориҳои тарафайн баҳои баланд дод.

Назар ба гуфти роҳбари корхонаи «Химград» Айрат Гиззатуллин ин дуюмин корхонаи кимё дар Ўзбекистон аст, ки барои созмон ёфтанаш саҳм доранд. Ба туфайли фаъолияти доимии корхона то ҳазор нафар ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд хоҳанд омад, – гуфт ў.

– Ин корхона бо қарори Саровари давлат ба вуҷуд омад, – гуфт роҳбари Техномаркази «Ҷиззах» Ҷаҳонгир Абдураҳмонов. – Роҳбари кишвар соли сипаригардида зимни ба вилояти Ҷиззах ташриф овардан оид ба омода намудани шароити мусоид ба сармоягузорони хориҷӣ, додани бинохои тайёре, ки бекор аст, дастуру супоришҳо дода буданд. Ҳоло мо рўйи 30 лоиҳаи нав кор мебарем ва истеҳсоли қариб 60 намуди маҳсулоти навро ба нақша гирифтаем.

Президенти Тоҷористон ҳангоми ташрифи худ ба вилояти Ҷиззах аз Донишгоҳи федералии Қазон низ дидан кард. Маркази навтаъсиси стимулятсионии факултаи тиббии донишгоҳро аз назар гузаронд.

Анорбой НАЗАРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти ҶИЗЗАХ.

ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «O`ZBEKISTONLIK. GENERATING IDEAS» ДАР ФАРОНСА

Дар форум беш аз 200 нафар ҳамватанони мо, ки дар гӯшаҳои мухталифи дунё ба комёбиҳои бузург ноил гардида, моҳирони касби сатҳи ҷаҳонӣ шудаанд, инчунин намояндагони намоёни соҳаи креативӣ ва медиаи Ўзбекистон иштирок карданд.

Мақсад аз баргузории анҷуман фароҳам овардани фазои шабакавӣ байни ўзбекистониҳое, ки дар хориҷи кишвар ба комёбиҳо ноил гардидаанд, инчунин майдон барои табодули афкор оид ба масъалаҳои муҳими марбут ва рушди кишвари мо буд. Ба ин мақсад дар доираи форум дар мавзўъҳои рушди сармояи инсонӣ, экология ва иқтисодиёти «сабз», технологияҳои рақамӣ ва соҳаҳои созанда мубоҳисаҳо баргузор шуданд.

Дар анҷуман нахустнамоиши қисми сеюми филми «O`zbekistonlik» барпо гардид. Дар силсилаи навбатӣ, ки аз ҳаёти ҳамватанони барҷастаи мо ҳикоя мекунад, ҳикояҳои роҳбари бадеӣ ва дирижёри оркестри филармонияи Страсбург Азиз Шоҳакимов ва меъмори IT ширкати «Shell» Мадина Бердиева ҷой гирифтааст. Нахустнамоиши ин қисм дар «Youtube» ва телеканали «My5» 26 апрел соати 18:00 баргузор шуд.

Сафири Ўзбекистон дар Фаронса ва Португалия Сардор Рустамбоев дар маросими ифтитоҳи чорабинӣ суханронӣ карда қайд намуд, ки ин форум ба як платформаи муҳими ҳавасмандгардонии ҷавонони ўзбек ва саъю кўшишҳои ҳукумати Ўзбекистон барои дастгирии ҳамватанон табдил ёфтааст.

Мавзўи асосии форум мушкилоти минтақаи назди Арал ва баҳри Арал мебошад, ки торафт хушк мешавад. Дар ҳамкорӣ бо Ҷоқаргӣ Кенгеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон созмони ғайритиҷоратию ғайридавлатии «AralDream» лоиҳаи «SaltyLives» тақдим намуд. Он дар ҳуд намоишгоҳи суратҳои портретҳои бонувони Қароқалпоқистон, филми нави кўтоҳметража ва намоишгоҳи мўдҳои либосро, ки тарроҳони намоёни Ўзбекистон офаридаанд, фаро мегирад.

Мақсади лоиҳаи «SaltyLives» ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба зиндагии занони минтақаи баҳри Арал аст. Нахустнамоиши филм 25 апрел дар сайти araldream.com. намоиш дода шуд.

Ба меҳмонони анҷуман платформаи Uzbekistan«sclub, ки муттаҳид намудани ўзбекистониёни муваффақро дар тамоми ҷаҳон даъват менамояд, намоиш дода шуд. Дар тақдимот эълон карда шуд, ки ҳамаи ҳамватанони хоҳишманд акнун метавонанд бо истифода аз замимаи сомонаи uzbekistan«sclub ба ин клуб ҳамроҳ шаванд.

Тамошобинон тавонистанд саундтреки расмии филми «O`zbekistonlik»-ро дар иҷрои зиндаи рэпер Конста бубинанд. Клип аллакай дар Youtube беш аз 250 ҳазор тамошобин пайдо кардааст. Гурўҳи эҷодӣ инчунин лоиҳаи маҷаллаи нави Uzbekistan`sclub-ро ба меҳмонон пешкаш намуданд. Бо кумаки он даста тамоюлҳои нав эҷод мекунад ва саргузаштҳои ҳамватанони моро нақл мекунад. Шумораи аввалини маҷалла дар форуми навбатии байналмилалии «O`zbekistonlik.Generating Ideas» муаррифӣ мешавад.

Меҳмонон тавонистанд аз намоиши қаннодӣ, ки дар ҳамкорӣ бо яке аз шарикони форум таҳия шудааст, лаззат баранд. Дар ҷараёни намоиш раванди пухтани таомҳои маъруфи ўзбекӣ намоиш дода шуд. Мақсад аз ҳамкорӣ тарғибу ташвиқи таомҳои миллии ўзбек дар сатҳи байналмилалӣ ва таблиғи он мебошад. Дар оянда ба нақша гирифта шудааст, ки фестивалҳои таомҳои ошхонаи ўзбекӣ дар пойтахтҳои ҷаҳонӣ ташкил карда шаванд.

Шарикони форум – роҳбарони ширкати «OrientGroup, Uzbekistan-Airways, Pepsi, Anorbank и Ucell» ба иштирокдорон муроҷиат фиристоданд. Дар бораи он ки чаро онҳо дар ин лоиҳа бо дастаи «Uzbekistan`sClub» якҷоя ҳастанд, нақл намуданд. Форуми «O`zbekistonlik.Generating Ideas» ба шарофати кумаки молиявии шарикони форум имконпазир гардид.

Ҷашнвораи навбатии байналмилалии «O`zbekistonlik. Genera-ting Ideas» тирамоҳ дар яке аз пойтахтҳои бузурги ҷаҳонӣ баргузор мегардад. Гурўҳи эҷодии лоиҳа ҳамчунин ба нақша гирифтааст, ки имсол қисматҳои нави ин филмро ба навор гирад ва нахустнамоиши онро баргузор кунад.

АИ «Дунё»,

ПАРИЖ.

Ба пешвози Рӯзи хотира ва қадр

ДАР БАЙНИ МАРДУМ...

Чишми сурх («Чашмаи сурх») аз манзилҳоест, ки ба пайдоиши деҳаи имрӯзаи Сойхурд сабаб гардидааст.

Алҳол дар ин макони обод бо ташаббуси соҳибкорони ҷавон Ҳайитбой Рӯзиев ва Баҳодур Ҳайдаров ду манзилгоҳи сайёҳӣ амал мекунад. Баҳору тобистон ва тирамоҳ сайёҳони зиёди дохилӣ ва хориҷӣ аз боду ҳавои хушу форам, тамошои манзилҳои таърихии он баҳра мегиранд. Қаҳрамони мо – Бурҳон Ҳайдаров дар ҳамин деҳаи хушманзар аз оилаи зиёӣ ба дунё омад. Айёми кӯдакиву наврасиаш дар ин деҳаи бағали кӯҳистон гузашт. Таълими ибтидоиро дар мактаби ҳафтсолаи зодгоҳ, ки соли 1930 таъсис ёфта буд, гирифт.

Зодгоҳ маконест, ки кас ағлаб айёми тифливу кӯдакӣ ва наврасиро он ҷо паси сар мекунад. Табиати нотакрори зодгоҳ, роҳҳои морпечи кӯҳистон, дарахтони меваашон шахдбор дар табиати вай нақши якумрӣ доранд. Муҳити табиӣ, оила ва маҳал низ дар ташаккулёбии шахс бетаъсир нестанд. Инсон ҳар қадар аз зодгоҳ дур равад, меҳраш он қадар бо вай меафзояд. Мехоҳад ҳамеша бо ҳамдеҳагон дар тамос бошад. Зодгоҳ Ватан андар Ватан будааст, яъне ҷузъе аз кишвари бепоён. Айёми наврасии Бурҳон ба солҳои вазнини Ҷанги дуюми ҷаҳон рост омад. Соли 1942 мактаби Чишми Сурх бо мактаби деҳаи Сойкалон муттаҳид карда шуд. Он солҳои вазнин ҳатто хонандагони мактабҳои дур аз марказ ҳам аз асорати нохушии ҷанг дар канор набуданд.

– Тирамоҳи соли 1944 буд, – ёд меорад Бурҳон Ҳайдаров. – Директори мактаб Набӣ Назаров ман, Даврон Зарифов ва чанди дигарро ба коргоҳи худ даъват карда, гуфтанд: – Мо бояд ба аскарони майдони ҷанг кумак расонем. Албатта, шумо ба ҷанг намеравед, вале бояд ба аскарон барои омода намудани озуқаворӣ кумак расонед. Ҳар кадом ним халта-ним халта меваи харра (настарин) чинда биёред. Супориш ичро гардид. Ин саҳми хонандагони мактаб ба рӯйихат гирифта шуда будааст, он ҳуҷҷат дар бойгонии вилояти Чиззах ҳаст. Ин саҳми толибилмон аз ҷониби давлат қадршиносӣ гардид. Имрӯз онҳо роҳати онро мебинанд.

Бурҳони ҷавон, ки ташнаи илм буд, пешаи омӯзгориро интихоб кард. Солҳои 1950-1954 дар Омӯзишгоҳи педагогии Самарқанд таҳсил гирифта, онро бо дипломи имтиёзнок хатм намуд. Солҳои 1954-1958 факултаи таъриху филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Хуҷандро хатм намуд. Ба ӯ корро дар ҳамин донишкада пешниҳод намуданд.

Вале волидон Бурҳони ташнаи илмро ба зодгоҳ хостанд. Бинобар ин, ба мактаби рақами 9-уми хоҷагии ба номи Карл Маркси (ҳоло ба номи Қодирқул Султонов) ноҳияи Сайхунободи вилояти Сирдарё ба кор омад. Аҳолии ин макон асосан тоҷикони деҳоти Эҷ мебошанд. Дар мактаб Бурҳон зуд мавқеи худро пайдо намуд. Бо хонандагон забон ёфт, байни мардум обрӯ пайдо кард...

Соли 1960 Бурҳон Ҳайдаровро ба мактаби овозадори рақами 27-уми ноҳияи Фориши вилояти Чиззах (ҳоло мактаби рақами 38-уми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ) директор таъин карданд. Ӯ чун муаллим ва роҳбари сахтгир дар мактаби деҳаи Синтоб кор кард ва худро дар муддати кӯтоҳ чун шахси ташкилотчӣ нишон дода тавонист. Базаи моддӣ ва техникии мактабро ғанӣ гардонид. Сифати таълиму тарбия дар мактаб рӯ ба беҳбудӣ овард. Солҳои гуногун ин мактабро шоири зуллисонайн Ҷонибек, олими маъруф, профессор Маҳмуд Нурназаров, омӯзгори варзида Малики Раҳим (равонашон шод бод), нависанда Бекназар Тӯйназаров, шоири шинохтаи тоҷик Паймон ва дигарон хатм намудаанд.

Бурҳон Ҳайдаров соли 1965 дар таълимгоҳи зодгоҳаш – мактаби рақами 28-ум (ҳоло мактаби рақами 43-юми ноҳияи Нурато, он вақт ноҳияи Фориш буд) ба вазифаи ҷонишини директор оид ба корҳои таълиму тарбия таъин гардид. Дар ин вазифа низ ӯ пурсамар кор кард. Дар муддати кӯтоҳ мактаб ба комёбиҳо ноил гардиду Б. Ҳайдаров ба назари роҳбарони ташкилотҳои болоӣ афтид.

Аз ин рӯ соли 1968 Бурҳон Ҳайдаровро ба кори хоҷагӣ ҷалб намуданд. Ӯ ба вазифаи саркори шуъбаи чоруми ба номи устод Садриддин Айнии хоҷагии овозадори Нурато таъйин гардид. Кори шуъба низоми худро пайдо кард. Комёбиҳои назаррас ба даст омаданд. Шуъба на танҳо дар хоҷагӣ, балки дар ноҳия ном баровард, шуҳратманд шуд.

Он солҳо кор дар Шӯрои деҳот масъулиятнок ва пуршараф буд. Соли 1982 Бурҳон Ҳайдаровро раиси Шӯрои маҳаллаи «Сентоб» интихоб карданд. Қаҳрамони мо дар ин вазифа низ хуб кор кард. Барои бехбуди вазъи иҷтимоии аҳолӣ саҳм гирифт. Маҳз ҳамин солҳо ба бунёди бинои мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нурато асос гузошта шуд. Ҳарчанд бинои мактаб асосан бо роҳи ҳашар бунёд гардид, Бурҳон Ҳайдаров ба он роҳбариву роҳнамоӣ кард. Дар деҳаи Сойхурд низ бунгоҳи тиббӣ сохта шуд. Мушкили мардум осон гардид.

Умуман, ӯ дар кадом вазифа кор накунад, ба комёбӣ ва муваффақият даст меёфт. Дар кадом вазифае набошад, ҳамроҳи ҳамешагиаш китоб буд. Аљон синни устод аз навад гузашта бошад ҳам, ҳамоно китоб ва рӯзнома мехонад. Ҳамеша бо замон ҳамнафас аст.

Имрӯз бознишастааст ӯ. Дар ҳалқаи набераву абераҳо даврони пирӣ меронад, вале аз мактаб дурӣ надорад. Гоҳу ногоҳ дар саҳнаи мактаб пайдо мешавад. Маслиҳатҳои муфиди худро аз ҷавонон дареғ намедорад. Оре, устод Бурҳон Ҳайдаров ҳамеша дар байни мардум буд ва миёни мардум аст.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ

Таълим

РИШТАИ ҲАМКОРӢ МУСТАҲКАМ МЕГАРДАД

Дар асоси шартномаи ҳамкорӣ ба Донишгоҳи меъморию сохтмонии Самарқанд як гурӯҳ роҳбарони мактабҳои олии Испания ташриф оварданд.

Ректори донишгоҳ Гулдем Туркимаз ҳозиронро хайра мақдам гуфта, таъкид намуд, ки бо сиёсати хирадмандонаи сарвари давлат Шавкат Мирзиёев риштаҳои ҳамкорӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ сол то сол мустаҳкам мегардад.

Ҳоло дар донишгоҳ қариб 10 ҳазор нафар толибилмон асрори касбҳои меъморӣ,бинокорӣ, лоиҳакашӣ ва ғайраро меомӯзанд. Ба онҳо қариб 600 нафар профессорону устодони соҳибтаҷриба дар асоси андозаи байналхалқӣ сабақ медиҳанд.

– Самарқанд чун кишвари мо таърихи ҳазорсола дорад, – гуфт мудири шуъбаи фарҳанг ва ҳамкорӣ бо мамлакатҳои хориҷии Вазорати таълими Испания доктор Аврелло Лианезо Виланово. – Умедворам, ки баъди вохӯрии имрӯза ва бастани шартномаи тарафайн табодули шогирдон ва омӯзгорон бештару хубтар хоҳанд шуд.

Вохӯрии вакилони мактабҳои олии Испания дар Донишгоҳи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд ва Донишгоҳи байналхалқии «Роҳи бузурги абрешим» низ баргузор гардид.

Меҳмонон бо ёдгориҳои таърихии Самарқанд аз наздик ошно шуданд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Дар мактаби бачагонаи «Авлоди баркамол»-и шаҳри Гулистони вилояти Сирдарё 21 маҳфил фаъолият дорад.

Ба ин маҳфилҳо, ки дар 7 самт кор мебаранд, 420 нафар хонанда ҷалб карда шудаанд.

Бино соли 2022 ба истифода дода шуда буд. Дар иншооти мазкур 20 хонаи таълимӣ, толори дорои 100 ҷой, хонаи ҳамшираи шафқат, хонаҳои маъмурияти мактаб ва дуконҳои савдо ҷой гирифтаанд. Дар ин маскан барои ба маҳорату дониши худ афзудан ба ҷавонон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дар дуконҳои махсуси бино ба фурӯш бароварда шудани намунаҳои ашёи ороишӣ ва санъати амалию тавсирӣ, ки аз ҷониби аъзои маҳфил офарида шудаанд, шоистаи таҳсин аст.

Дар акс: *дар мактаби мазкур.*

Аксбардор: Шаҳриёр ОРТИҚОВ (ЎзА).

ЧАШМИ УМЕД

(Эссе)

Падару модарам дар хона, муаллимонам дар мактаб, дугонаҳоям дар кӯча пайваста ёдрас мекарданд, ки агар китоб хонед, шеър аз ёд кунед, дар зиндагӣ ҷойгоҳи худро меёбед. Ба китобхонӣ дил бастам, шеърҳои бисёре аз ёд кардам. Баъзан дар хона пинҳонӣ аз падару модар, хоҳару бародаронам китоб мехондам: – осори аз адибони классикии форсу тоҷик ва нависандагони муосир, то нависандагони забардасти рус ва Аврупоро.

Хондам, хондам ва боз ҳам хондам ва он чизе, ки барои зиндагии шахсиам зарур буд ва мебоист ҷавобгӯйи марому мақсади ман бошад, пайдо накардам.

Бовар кунед, асареро аз ягон шоир, нависанда, олим ва ё файласуф пайдо накардам, ки тапиши дили беқарорамро ором созад. Бояд гуфт, ки марому мақсадам хеле одӣ: ман ба ҳеҷ ваҳҷ аз зиндагӣ имтиёзе хоҳон нестам ва набудам, худро чун барги суман нозук намеҳисобам, бо худпарастӣ олоише надорам ва ғайра. Ман дар зиндагӣ танҳо як чизро ҷустуҷӯ дорам. Ин ҳам бошад – ҳифзи ҳувияти худ чун зан, зане, ки дар саргаҳи зиндагӣ қарор дорад. Аз ягон оқил боре нашунидам, ки ба зан гӯяд ё маслиҳат бидиҳад: озодӣ ҳусни шуморо дучанд мекунад, зиндагии шуморо гулафшон мекунад, ҳувият ва ҳайсияти шуморо аз қолабҳои шах ва сардшудаи зиндагӣ раҳо медиҳад.

Шояд шумо маро сарзаниш кунед ва гӯед, ки дар фарҳанги чаҳонӣ, аз Чин то Аврупо, аз даврai антик то кунун абармардони зиёёду сухандонон дар бораи зан басо суханони пурҳикмату гаронбаҳо гуфтанд, шеър сароида, асарҳои пуразриш эҷод карданд ва дар оянда ҳам албатта, эҷод мекунанд. Аммо гап дар сари гуфтану васф кардани зан нест, ба сайёраи Ноҳид ё фалакиёт бурдану пайвастани зан нест. Сухан дар бораи меҳру шафқати заминӣ, воқеӣ меравад.

Дар зиндагӣ одами худӣ, ё ҳамсафару ҳамнафаси хуб ёфтан баробари бо сӯзан дар кӯҳ роҳ кофтан аст, яъне душвор. Аз ин сабаб наздик ба ҳафтод фоизи занони рӯйи замин, ё ба сабаби тангии зиндагӣ, ё ба сабаби тарси ба як умр танҳо мондан ё ба сабаби фишори анъанавии дину мазҳаб, аҷдодию хешу таборӣ ва чандин «ва» «ваваҳо»-и дигар худро «қурбон»-и марди ғайри хоҳиши дили худ ё тасодуфӣ мекунанд.

Ҷудошавии оилаҳо дар бисёр минтақаҳо хусусияти оммавӣ гирифтааст, ки боиси нигаронист. Оморе нест, ки аз он ин масъалаи ҳаётӣ ва фарҳангиро равшантар дарк кунӣ. Ҷудоиҳои оилавӣ занонро ғамзада, озурдахотир ва аз зиндагӣ дилхунук карда, ба суитсид (худкушӣ) рӯ ба рӯ месозад.

Наёфтани ҷавоби мушаххас, маро маҷбур кард, ки дар ҷустуҷӯйи Симона де-Бовуар (1908 - 1986) шавам. Умед доштам, ки ин зани аз обу оташи зиндагӣ гузашта, ба саволҳои ман посух дода метавонад. Зеро ӯ як умр дар ҷустуҷӯйи озодӣ ва ҳувияти худ буд. Озодӣ дар ҳама бобат: дар гуфтору кирдор, дар кор, дар оила, умуман дар тамоми риштаҳои ҷомеа. Ӯ ва рафиқаш Жан Пол Сартр (1905 - 1980), ки марди бениҳоят безеб, қадпаст, шикамкалон, пурхӯр, кашолалаб, вале файласуфи замон буд, рӯз ва шабҳо дар қаҳвахонаҳои шаҳри Порис, ки нофи замин ҳам мегӯяндаш, бо сигоркашӣ, оби ҷав (пиво) нӯшӣ суҳбатҳои оид ба фано ва бақо, дашному тавҳин аз зиндагии одамӣ мегузаронданд.

Ман ба тамоми навиштаҳои Симоне де-Бовуар, тавре ки гуфтам, бо умеди ёфтани посух шинос шудам. Аммо дар назарам зиндагӣ боз ҳам тиратару печидатар мегашт. Наход зан барои озодӣ ба марди нофорам, бигузор файласуфи замон ҳам бошад, дил бандад! Баъдтар фаҳмидам, ки ин мард ба Симона де-Бовуар на танҳо роҳи озодиро нишон додаст, балки ӯро аз чанголи анъаноти сард ва шахшудаи зиндагӣ раҳо кардааст.

Ман ба моҳияти тафаккури Симона де-Бовуар бовари комил ҳосил намудам, ки занҳои тамоми рӯйи Замин, новобаста ба нажоду насаб, ранги пӯсту мӯйю чашмон, қаду қомату забонҳои гуногунашон як хеланд ва як хел бояд қобили эҳтирому эътимод бошанд, зеро масъулияти пойдории ҳаёту зиндагӣ, аз насл ба насл гузаштани зоти одамӣ бар души онҳост. Онҳо омода ҳастанд барои бақою абадияти зиндагӣ ҷони худро фидо кунанд. Мардон ба чунин ҷасорат қодир нестанд.

Дар замони мо мафҳумҳо ба мисли «зани аврупоӣ, зани муслима, зани насронӣ» ва ғайра, маро ба ташвиш меоваранд ва нигарон мекунанд. Чунин суханон баъзан аз забони зиёиён шунида мешаванд, ки бозтоби сиёсӣ, идеологӣ, динию мазҳабӣ доранд, на умумибашарӣ. Ба назар чунин мерасад, ки занони Аврупо аз ҳавои дигар нафас мекашанд, ё дар сайёраи дигар зиндагӣ доранд.

Ҳувияти занро, пеш аз ҳама, мақому ҷойгаҳи ӯ дар зиндагӣ, ҳаёти оила ва ҷомеа муайян мекунад. Содатар карда гӯем, ҳувияти зан зарурияти муайяншудаи илоҳист.

Зану молу имонро бо ҳам омехтан нашояд, зеро онҳо дар саҳнаи зиндагӣ ё фазои маънавӣ арзишҳои ба ҳам муқобил доранд. Зан аз молу имон болотар ва авлотар аст. Дарачаю мартаба ва маснаду мақоми зан дар зиндагӣ муқаддас мебошад. Файласуфе гуфтааст: «Агар маҳбубаро гум кунӣ, аз ғам суруд хондан мумкин аст, вале агар пулат гум шавад, сурудан ғайриимкон мебошад». Ин маънои онро дорад, ки ҳувияти занро дар асри XXI бо принсипҳои мазҳабию динӣ, сиёсию идеологӣ, бо либосу ҳиҷоб, пухтупаз ва ғайра муайян кардан ба тақозои замон мувофиқ нест.

Зан метавонад ҳувияту озодии хешро танҳо дар паҳлӯйи мард ба таври пурра дарк намояд ва худро аз зиндагӣ қаноатманду бахтиёр ҳисобад. Маъною моҳияти зиндагӣ танҳо дар баробарӣ ва ҳамбастагии зану мард дарёфт мешавад.

Дар асри мо дар киштии зиндагӣ бо расму русум ва анъаноти кӯҳна шино кардан хеле хатарнок аст. Бовар ба он, ки «боди шӯрта» мехезаду моро ба соҳил мерасонад, хатост, созгори чашми умед нест.

Ҳақназар
ҚУРБОНМАМАДОВ,
ш. ТОШКАНД.

ГӮШТИГИРОН ДАР НИШОН

Ноҳияи Нишони вилояти Қашқадарё мизбони мусобиқаи навъи варзиши кураш буд, ки он дар мактаби варзишии ноҳия бо шукӯҳи хоса баргузор гардид.

Мусобиқа таҳти шиори «Ӯзбекистон – кишвари ҷавонон» баргузор шуд ва мақсад аз он намоиш додани неруи воқеии ин қишри ҷомеа мебошад, ки ҳукумат онҳоро барҳақ такягоҳи худ мешуморад ва чун ояндаи дурахшони Ватан дастгирӣ мекунад.

Дар сабқат ба ҷуз аз варзишгарони вилояти Қашқадарё аз вилояти Самарқанд низ 200 нафар иштирок намуданд.

Сабқат бо муборизаҳои пуршиддати паҳлавонони нишонӣ ва гӯштигирон аз ноҳияҳои Косон, Миришкор, Касбӣ, Яккабоғ, Ғузор, Қаршӣ ва Китобу Шаҳрисабз оғоз гардида, басо хотирмон ба поён расид. Хоса, ширкати ҷавонони паҳлавон аз Самарқанд ба шиддати мусобиқа афзуда, иштирокдорони онро водор сохт, ки ба ин навъи варзиш хеле ҷиддӣ муносибат кунанд.

Бояд таъкид кард, ки дар рафти мусобиқаҳо ба ҷавонони варзишгар ва ҳаводорони онҳо дар хусуси назарсанҷии умумӣ бахшида ба тағйиру иловаҳои Конститутсияи ҷумҳурӣ маълумоти дақиқ дода, муҳим будани ин маърака фаҳмонда шуд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

Ба назарам ҳар як хатокори ба шаҳрбонӣ[7] расида гуноҳкор буд, мебоист ҷазо бигирад. Фикр мекардам, барои ман, ки постдори қонун ҳастам, ҳама кор равост. Боре намозхонеро аз хонааш берун кашида, пас аз задану латукӯби фаровон ба кунҷи зиндон равона кардам. Он замон ҳеҷ ба хаёлам наомада буд, ки ин бадрафториам бароям сангин тамом мешавад. Шаби ҳамон рӯзе, ки намозхонро ба ҳафт сол буриданд, маро ду бародараш аз дари хонаам дуздида бурданд.

Дар канори шаҳр ба оғилхонае дароварда, даст ба даст то замоне, ки аз ҳуш нарафтам, мушту лагадкорӣ карданд. Дар поёни ин зӯригарӣ зарбаи яке аз онҳо ба коси поям чунон сахт расида буд, ки садои шақарросие гӯшҳоямро кар кард, гӯё ки дар пеши чашмонам санги чахмоқ зада бошанд, оташаке ҷарақа зад ва бо як оҳи дардолуди баланд худро гум кардам. Рӯзи дигар соҳиби оғилхона мани беҳушу абгорро дида ба бемористон мебарад...

То имрӯз осори он қасос бо ман аст, пойи печу муҳрашудаам[8] мудом дард дораду ранҷ медиҳад. Дар айни ҳол банда дар роҳи ҳаҷ қарор дорам, мебояд тавба кунам, аз Худо омурзиши гуноҳҳоямро бихоҳам... Ба ин маънӣ занак ҳам ёдрас карда буд: «Инак, фурсати муносиб дар даст доред, замони тавбаву тазарруъ дар ихтиёри шумост.

Мегӯянд, амалҳои ҳаҷ ҳазор-ҳазор ширку тақсиру ҷурмро аз байн мебарад...»

– Рафиқ! – садои нобаҳангоми ҳамхонаам Дарвеш маро ба по хезонд, ки бо либосҳоям ба рӯйи тахтхоб пинак рафта будаам. – Ту аз хоб сер мешавӣ ё не? Бубин, мо шомро хондем, ҳоло хуфтанро ҳам гузошта омадем, ту бошӣ саратро аз болин намебардорӣ, ҳазён мегӯйӣ!

Аз доду фарёди ӯ ногаҳон асабонӣ шудам, сахл монд аз хӯйи бад ҳарфи бечо занам, вале ба худ омадам ва мулзамона гуфтам:

– Чӣ кор кунам, иродаам дасти худам нест, бародар.

Юнуси ИМОМНАЗАР

ҚИССАИ ҲОҶӢ

(Порае аз қисса)

– Он чӣ иродаест? Бо моӣ, аммо бо мо нестӣ! Имрӯз масҷиди Зуқиблатайнро зиёрат кардем, намози асрамонро дар он ҷо хондем. Ту бошӣ, наомадӣ ба дохил!

Дарвеш асабонӣ менамуд. Ба ҷойи хоби худ рафту дубора ба пас гашт. Дар ҳоле ки ба чеҳрааш ҷойи ғазаб изҳои ноумедӣ менишаст, дуруст ба чашмҳоям нигоҳ карда афзуд:

– Оё медонӣ, он намозгоҳ ҳамон масҷиди табаррукиест, ки Ҳазрати Муҳаммад бо нозил шудани ояи «Қибла» дар он ҷиҳати қиблаи мусалмонҳоро тағйир додааст. Оре, аз он дам инҷониб, мо на ба Байтулмуқаддас, балки ба Каъбатуллоҳ саҷда мекунем!

– Ман... – мехостам шарҳи ҳол кунам, вале хамхонаам дигар ба ман гӯш намекард.

– Ту аз ҳама ҷо саркашӣ мекунӣ! Ҳатто аз зиёрати гӯристони Бақеъ, ки дар он чандин саҳобаи паёмбар ва аҳли байти ӯ дафн шудаанд! Магар нашунидаӣ, ки ин аввалин қабристони мусалмонон аст? – бо таъкиди бештар гуфт Дарвеш ва роҳравон дар пешорӯям афзуд: – Рафиқ, ту, ки имон надоштаӣ, истиғфорро намедонӣ, гуноҳу хатоҳоятро тан намегирӣ, чаро омадӣ ба ҳаҷ? Ту тасбеҳ нагӯйӣ, намоз нахонӣ, чӣ кор мекунӣ дар ин ҷо? Гумон мекунӣ, фақат бо либоси фохира пӯшидан кас ба ҷое мерасад?

Аз ин накӯҳиши ҳамхона мӯйҳои баданам рост хест. Ӯ ҳақиқатро мегуфт, он чиро бо чашми худ медид, ба забони маломат меовард. Дигар ҷойи пинҳон кардани ҳолу аҳвол намонд. Ҳақирона ба сӯяш дида дӯхта, ниҳоят «кафидам»:

– Бародар, ҳар чӣ мегӯйӣ, рост аст. Афсӯс, ки ман ҳеҷ кадоме аз ин амалҳоро ёд нагирифтаам. Мани осиро бубахш, агар донӣ, ба ин сафар омаданам як амри тасодуф буд. Мехостам дар ин хусус бо ту суҳбат кунам, лекин то ҳол рӯям нашуд.

– Наход ки...

– Оре, аҳволи ман ҳамин аст, ки воқиф шудӣ. Хоҳишан, роҳ нишон деҳ, бигӯ, ки ман аз ин тангно чӣ хел раҳо ёбам?

Дарвеш мустамандии маро дида хомӯш шуд, аз ҷаҳл фуромад. Ӯ дар гӯшаи тахтхоби ман нишаста, даст аз пешониву мӯйҳояш кашид. Чанд муддат ба нуктаи номаълуме дида дӯхта охирсар гуфт:

– Туро Худо бубахшад... Ман фикр кардам, бо коҳилию танбалӣ ба коре даст намезанӣ. Магар қабл аз омадан ба масҷиди маҳаллаатон нарафта будӣ, суҳбате бо муллоҳои масъул надоштӣ?

– Не, ҳама кори маро ҳамсарам дуруст кард. Ҳоло кам-кам мефаҳмам, ки беҳуда ба ин сӯ омадаам.

Дарвеш бо лабханд ба ҷониби ман рӯ гардонд.

– Ҳоло ин тавр гӯй... – гуфт ӯ ва бо ирода афзуд: – Лекин ҷойи афсӯсу надомат нест!

Ман, ки бо ту ҳастам, ҳамаш нағз мешавад, ман туро худочӯй мекунам!

Аз ин бархӯрди ҳамхонаам ба шигифт омадам, дар ҳоле ки боварам намеомад, суоломез ба ӯ нигаристам. Дарвеш ба суханаш идома дод:

– Агар тавонам фароизи динамонро бароят ёд диҳам, ин кори савобе аз сӯйи ман хоҳад шуд. Танҳо чизе, ки лозим аст, ваъдаи туст, рафиқ!

– Бародар, ту аз ман бузургтарӣ – ҳам ба солу ҳам ба илм. Ҳар чӣ мефармоӣ, ман дар хидматат ҳастам. Саъй мекунам дигар бо худ наболида, аз ғуруру такаббури қаблиам фориғ шавам. То ин ҷо донистам, ки дигар ба қафо роҳ нест, аз ҷамоат ҷудо шудану танҳо гаштан сахту сангин будааст.

Дарвеш бо мамнуният гуфт:

– Хеле хуб, дар оғози кор ту бояд имон оварӣ ва тасдиқ кунӣ, ки Худо яккаву ягона аст ва ҷуз Худованди меҳрабону бахшоянда худои дигаре нест. Ман бароят гузоштани намозро ёд медиҳам ва ҳамин пагоҳ намози бомдодро дар масҷиди Набавӣ бо ҳам мехонем, чӣ гуфтӣ?

– Ба чашм!

– Чашмат бебало бошад! Хуб шуд, ки сари вақт худро ошкор кардӣ. Қарор аст, пасфардо ба сӯйи Макка раҳсипор шавем, раҳораҳ бояд барои анҷоми амалҳои умра намоз гузошта ният бикунем. Ҳоло дар тасаввурам намеғунҷад, ки ту бо ин ҳол амали ниятро чӣ гуна анҷом медодӣ. Бигӯ, алҳамдулиллоҳ!

– Алҳамдулиллоҳ!

[7] *Шаҳрбонӣ – идораи пулиси шаҳр.*

[8] *Печ ва муҳра – ба ҷойи ин вожаҳо «болт» ва «гайка» низ гуфта мешавад.*

Ганҷи ороста

АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Шод зӣ бо сиёҳчашмон шод,
Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод.
З-омада шодмон бояд буд,
В-аз гузашта накард бояд ёд.
Ману он ҷаъдмӯйи ғолиямӯй.
Ману он моҳрӯйи ҳурнажод.
Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,
Шӯрбахт он, ки ӯ нахӯрду надод.
Боду абр аст ин ҷаҳон афсӯс,
Бода пеш ор, ҳарчи бодобод!

***

Дило, то кай ҳамеҷӯӣ манеро,
Чӣ кӯбӣ беҳуда сард оҳанеро.
Дилам чун арзане, ишқи ту кӯҳе,
Чӣ сойӣ зери кӯҳе арзанеро.
Биё, инак, нигаҳ кун Рӯдакиро,
Агар бечӯн равон хоҳӣ танеро.

***

Чун теғ ба даст орӣ,
мардум натавон кушт,
Наздики Худованд бадӣ
нест фаромушт.
Ин теғ на аз баҳри ситамгорон
карданд,
Ангур на аз баҳри набиз аст
ба чархушт.
Исо ба раҳе дид яке кушта фитода,
Ҳайрон шуду бигрифт ба
дандон сари ангушт.
Гуфто, ки: «Киро куштӣ,
то кушта шудӣ зор?
То боз, кӣ ӯро бикушад, он,
ки туро кушт».
Ангушт макун ранҷа ба
даркӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба
даркӯфтанат мушт.

НОМАИ ИФТИХОР

Аз Бадахшону Зарафшонем мо,
Аз Ҳирот, аз шаҳри Теҳронем мо.
Аз Бухорои Шарифу Тирмиз,
Аз Насаф ё аз Намангонем мо.
Зодаи як модарему як падар,
Аз Самарқанду Самангонем мо.
Ҳамзабону ҳамдилу ҳаммаслакем,
Як нишон аз оли Сомонем мо.
Гар мусалмон ё насоро ё яҳуд,
Ё ки ҳиндуем – инсонем мо.
Ин палидӣ, гар миёни мардумон
Фарқ монем, ғайриинсонем мо.
Оғӯши пурмеҳри мо боз аст, боз,
Интизори ҷумла ёронем мо.
Бо диёри худ бисозем ифтихор,
Тоҷикони Ӯзбекистонем мо.

СУБҲ БА ХАЙР

Эй азизу тоҷи сар, субҳат ба хайр,
Эй дилу ҷону ҷигар, субҳат ба хайр.
Рӯзҳоят доимо бодо сафед,
Эй рафиқи хушназар, субҳат ба хайр!
Зиндагӣ ҳамвора пур аз шодӣ нест,
Шод бош, эй гулбасар,
субҳат ба хайр.
Нест хушбахте дар олам ғайри мо,
То шавӣ хушбахттар, субҳат ба хайр.
Хоҳамо, бошӣ шукуфон рӯзу шаб,
Эй гули шому саҳар, субҳат ба хайр.
Тинҷию осудагӣ гардад насиб
Бар ҳама аҳли башар, субҳат ба хайр.
Шодиву хурсандии мо кам мабод,
Кош, то соли дигар, субҳат ба хайр.

Ӯғулой ҶЎРАБОЕВА,
ноҳияи Узун.

Шариф ХАЛИЛ

ҲИКОЁТИ МУҶАЗ

КАРАМ БА ХУД

Хасис буд.
Ақаллан як истикон чойи гарм нахарид.
Акнун ройгон хунук мехӯрад.

ОРЗУ

Вожаи ноёб аст... Модар.
Ятиме ғамгин оби даҳон мехӯрад.
Аз «Фарҳанг»-и ӯ ин калима ҳазф шуда.

Чеҳраҳои ҳунар

НАҚҚОШЕ, КИ ИСТЕЪДОДИ МОДАРЗОД ДОШТ

Дар фарҳангҳо ибораи нақҳоши азал ба маънии Худо омадааст. Нақҳош, яъне мусаввир. Шоҳаншоҳи ҳаждаҳ ҳазор олам на танҳо мусаввир, балки шоир низ ҳаст. Ҳанӯз як шоири дунё дар баробари шеъри дарё, кӯҳ, дашту даман, беша, субҳу шом, мурғони хушхон, хуршед, моҳу ситора ва дигар офаридаҳои пурбадеи Ӯ шеъре нагуфтааст. Тамоми нақҳошиҳои дунё дар пайравӣ ба нақҳошиҳои нақҳоши азал нақшҳои нотамом офаридаанд. Чаро нотамом? Зеро нақҳошиҳои онҳо нусхаи нотамоми тасвирҳои нақҳоши азал будаанд. Пеши назар орем, яке аз нақҳошиҳои нақҳоши азал — одам мавҷуди зинда аст, ҳарф мезанад, шодию хурсандӣ мекунад... Вале инсон дар нақҳошиҳои мусаввири воқеӣ мавҷуди берӯҳ аст, ҳарф намезанад, дар як ҳолати сахтшуда ба назар мерасад. Бигирем, нақҳошиҳои намояндаи ахди Эҳё, мусаввири итолиёӣ Рафаэлло, Монӣ ва Камолиддин Беҳзоди Шарқро. Нақҳошиҳои онҳо гарчи дар бадан ҷон надоранд, вале ҳолати равонии инсонҳои замони худро ба ояндагон интиқол дода тавонистаанд. Умари Хайём дар як рубоии фалсафиаш ба нақҳоши азал ва нақши Ӯ, яъне худаш ишора кардааст:

Ҳарчанд ки рангу рӯйи
зебот маро,
Чун лола руху чу сарв
болост маро.
Маълум нашуд, ки дар
тарабхонаи хок,
Нақҳоши азал баҳри чӣ
орост маро.

Нақҳоши халқии Ӯзбекистон, шодравон Рӯзӣ Чориев аз моникҳаламоне буд, ки як умр кӯшиш ба харҷ дод дар пайравӣ ба нақшҳои нақҳоши азал тасвирҳои мондагор офарад. Ӯ дар деҳаи кӯҳии Пошхӯрди риштакӯҳҳои Кӯҳи Танги воҳаи Сурхон дида ба дунё кушодааст. Қисмат аз ҳурдсолӣ ба сари ӯ дасти навозиш наниҳод. Хеле барвақт аз падару модар маҳрум гардид. Дар он солҳо бепарастормондагонро хонаҳои меҳрбонӣ ба оғӯши гарми худ мегирифтанд. Овони кӯдакии нақҳоши оянда дар яке аз хонаҳои меҳрбонӣ сипарӣ гардид. Ишқи нақш офаридан дар ин маскан дар дили ӯ лона гузошт. Мураббӣ истеъдоди модарзодашро пай бурда, ӯро ба олами рангҳо ворид намуд.

Нақҳошонеро, ки бино ба ихтисос мактаберо хатм намудаанд, нақҳоши касбӣ меноманд. Рӯзӣ Чориев, баъди хатми мактаби миёна дар хонаи меҳрбонӣ, ду мактаби нақҳошӣ — Омӯзишгоҳи нақҳошии ба номи Бенкови Тошканд ва Институти рангтасвир, пайкарасозӣ ва меъмории ба номи И. Репини Санкт-Петербург (Ленингради собиқ)-ро хатм намуд. Овони донишҷӯӣ дили ӯро Мария ном духтари рус тасхир кард. Онҳо дертар издивоҷ карданд. Худо барояшон фарзандони ширинтар аз шаҳду шакар — як духтари нозанин ва як писари баҳодурро ҳадя намуд.

Нақҳоши моникҳалам дар назди метрои «Буюк ипак йӯли» хонаи эҷодие дошт, ки қисмати зиёди умраш дар ин ҷо пайи офаридани нақшҳои тоза сипарӣ гардидааст. Суҳбати аҳли адаб Абдулло Орифов, Шукур Холмирзоев, Рауф Парфӣ, Усмон Азим, Нодир Норматов, нақҳошон Неъмат Қӯзибоев, Исфандиёр Ҳайдаров, Азамат Ҳотамов ва дигар чеҳраҳои шинохта дар хонаи эҷодии ӯ метафсид.

Осори тавассути рангҳои рӯшан офаридаи нақҳоши чирадаст манзараҳои нотакрори воҳаи Сурхон ва сартосари Ӯзбекистонро ба оламиён борҳо муаррифӣ намудаанд. Намоишгоҳҳои осорӣ ӯ дар ноҳияҳои мамлакат, ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравии собиқ, Шветсия, Белгия, Кипр, Олмон, Афғонистон, Туркия ва дигар кишварҳои ҷаҳон баргузор ва дар осорхонаю галереяҳо гузошта шудаанд.

Дар осори мусаввир урфу одат, арзишҳои миллӣ, тарзи либоспӯшии деҳотиён, ашёи ҳунармандии халқ, одамони меҳнатӣ, кӯҳҳои сарбаланд, паҳнаҳои кишвар... рӯшан инъикос ёфтаанд. Нақҳош дар портретофарӣ низ дасти тамом дошт. Беҳзоди аср дар офаридани портрети бисёр адибон, ҳунарпеша ва олимон саҳм гузоштааст. Муаллиф